Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O17 - и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6А).

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).**

Вазъи муосири комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати мавҷудияти мушкилоти системавии иқтисодиро инъикос менамояд, ки дар миёни онҳо камбуди шадиди манбаъҳои молиявӣ барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ махсусан нигаронӣ ба вуҷуд меорад. Аксари хоҷагиҳо сатҳи пасти баргардониши сармоя ва вазъи ноустувори молиявӣ нишон медиҳанд, ки қобилияти онҳоро барои рушди устувор ва навсозии технологӣ маҳдуд месозад. Ғайр аз ин, дастрасӣ ба манбаъҳои қарзӣ хеле маҳдуд боқӣ мемонад: бонкҳои тиҷоратӣ маблағгузориро дар миқёси ночиз пешниҳод менамоянд, ҳамзамон арзиши баланди сармояи қарзӣ сармоягузориро ба асоси моддӣ камсамар мегардонад. Ин омилҳо дар маҷмуъ ба фаъолиятҳои сармоягузорӣ монеа эҷод намуда, ҷиҳати навсозии бахш таъсири маҳдудкунанда доранд. Ҳиссаи давлат дар маблағгузории КАС низ дар сатҳи кам қарор дорад: ҳиссаи саҳмгузориҳои давлатӣ дар сохтори сармоягузориҳо ба асоси моддӣ ночиз буда, ҳаҷми ҷудокардашудаи буҷетӣ барои ниёзҳои соҳаи кишоварзӣ бо миқёси вазифаҳои пешомада мувофиқат намекунад. Дар чунин шароитҳо ниёзи таҳияи механизмҳои нави маблағгузорӣ, васеъ намудани абзорҳои ҳамкорӣ миёни давлат ва бахши хусусӣ ва дастгирии фаъоли истеҳсолкунандагони кишоварзӣ аз ҷониби муассисаҳои молиявӣ тақвият меёбад.

Аз ҳамин лиҳоз, таҳқиқоти илмии Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар масъалаи таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии

фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ саривақтӣ ва мубрам аст.

Аҳамиятнокии таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои он исбот карда шуда, ақидаву хулосаҳоеро, ки ба ҳимоя бароварда мешавад, дар амал татбиқ намудан мумкин аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили ҳаматарафаи муаммоҳои илмии таъминоти институтсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ дар илми иқтисоди ватанӣ самти нисбатан нав мебошад. Баъзе мавзуҳои эҳёи иқтисоди аграрӣ аз ҷониби олимон-иқтисодшиносони ватанӣ ҳам аз ҷиҳати омӯзиши ангезаҳои сармоягузорӣ мавриди таҳлили мукаммал қарор гирифта, баъзеи дигар муаммоҳои илмӣ ба мисли рафтори сармоягузорӣ ва ҷанбаҳои институсионалии фаъолияти самоягузорӣ амалан аз доираи назари муҳаққиқон берун мондаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари масъалаҳои мазкур дар асарҳои А.Х.Каримов, Ф.А.Қодиров, А.Б.Мирсаидов, Б.С.Музаффаров, Ш.Т. Одинаев, Г.Расулов, А.Рауфӣ, Л.Х.Саидмуродов, Н.Т.Садриддинов, А.К.Сафоев, Ш.М.Саидмуродов, А.А. Солиев, Х.У.Умаров ва дигарон назаррас буда, андешаҳои ҳар яки онҳоро дар автореферат мавриди таҳлил қарор додааст (С.9-).

Инчунин, Собирзода Ш.С. вазифаҳои механизми институсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар КАС дар расми 1 хеле моҳирона тасвир намудааст (расми 1. с.10).

Диссертант қайд намудааст, ки ташкили фаъолияти сармоягузории дорои хусусияти инновасионӣ, пеш аз ҳама аз сатҳи мукаммалии таъминоти институсионалии идоракунии он вобаста аст. Таъмини институтсионалӣ раванди эҷоди муҳити паҳнгардиву интиқоли иттилооти нав, такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъсиси институтҳои рушдро дар сохтори институсионалии КАС мебошад. Ин раванд ба ҳамбастагии назарияҳои иқтисодӣ ва институтсионалӣ сурат мегирад. Дар таъмини институсионалӣ механизмҳои иқтисодӣ маҷмуи инструментҳоро ташкил медиҳад, ки бо моҳияти институтҳо наздик мешавад. Зеро, он қоидаҳову тартиботи фаъолияти агентҳои бозори агарариро муқаррар мекунанд, дар навбати худ механизми ташкилиро рӯйи кор меорад, яъне заминаҳои асоси механизми такрористеҳсоли фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии онро ташкил медиҳад (С.11).

Дар хулосаҳои асосии Собирзода Ш.С. аз таҳқиқоти худ натиҷагирӣ карда, тавсияҳои амалиро барои беҳтар намудани таъминоти

институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ пешниҳод намудааст.

Мулоҳизоту ақидаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Собирзода Ш.С. дар 30 интишороти илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз ин 20 - тояш дар нашрияҳои тақризавандаи КОА ҶТ ба табъ расонида шудаанд.

Дар маҷмуъ, мо автореферати диссартатсияи Собирзода Ш.С. – ро мусбат арзёбӣ намуда, мехостем баъзе камбудиҳои онро ҳам зикр намоем:

1. Дар расми 5, саҳифаи 48-и афтореферати диссертатсия сохтори институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ оварда шудааст. Агар сохтори мазкур дар автореферат ба таври муфассал шарҳ дода мешуд, беҳтар мебуд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсионии Собирзода Ш.С. дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» кори мукаммали тахассусии илмӣ, ҷавобгӯи талаботи КОА ҶТ нисбат ба дараҷаҳои илмӣ ва муаллифаш сазоворӣ дарёфти дараҷаи илмии доктор илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара** **Хайрзода Ш.Қ.**

**Имзои д.и.и., профессор Хайрзода Ш.Қ. -ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Данғара** **Тоирзода С.Т.**

Суроға: 735320, ҶумҳурииТоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара
кучаи Марказӣ 25. Телефон: (+992)8331222806, (+992)833122-28-42. E-mail:info.dsu 2013@gmail.com; dddangara@mail.ru